«Тасдиқ мекунам»
Ректори Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
д.и.х., профессор Ғафурзода А.Д.
_____
«30» _майи_ 2022 с.

Хулосаи

ҷаласаи ғайринавбатии Шӯрои олимони факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Диссертатсияи Мирзоева Меҳрубону Умаровна дар мавзӯи «Муҳоҷирати меҳнатӣ ва нақши маблағҳои интиқолшудаи онҳо дар рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.11 - Иқтисодиёти нуфус ва демография пешниҳод карда шудааст, дар кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст.

Мирзоева Меҳрубону Умаровна солҳои 2019 - 2022 ба ҳайси унвонҷӯ дар шуъбаи аспирантураи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил намудааст.

Тибқи қарори Шурои олимони факултети идоракунии давлатӣ аз 27-уми апрели соли 2020 суратмаҷлиси №8 мавзуи диссертатсияи унвонҷӯ Мирзоева Меҳрубону Умаровна дар мавзуи «Муҳоҷирати меҳнатӣ ва нақши маблағҳои интиқолшудаи онҳо дар рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат», зери роҳбарии н.и.и., Бобоев А.А. тасдиқ карда шудааст.

Мавзуи диссертатсияи илмии Мирзоева Меҳрубону Умаровна дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30-уми марти соли 2022, суратмаҷлиси №8 муҳокима гардидааст.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсияи илмӣ дар мавзӯи «Муҳоҷирати меҳнатӣ ва нақши маблағҳои интиколшудаи онҳо дар рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат», чунин хулосаҳо бароварда шуд:

Баҳодиҳии ичрои диссертатсия. Диссертатсияи Мирзоева Меҳрубону Умаровна дар мавзӯи «Муҳоҷирати меҳнатӣ ва нақши маблағҳои интиколшудаи онҳо дар рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат» мавзӯи рӯзмарра дар шароити муосир арзёбӣ гардида, дар сатҳи баланди илмӣ навишта шудааст. Ҳамзамон, бо забони шевои тоҷикӣ ва илмӣ навишта шуда, таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Максади таҳқиқот. Мақсади таҳқиқот аз омӯзиши вазъи ҳозираи муҳоҷирати аҳолӣ ва нақши маблағҳои интиқолнамудаи онҳо дар рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин омода намудани тавсияҳо оид ба татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқот иборат мебошад.

Навгонии илмии таҳқиқот натиҷаҳои илмии зерин ба ҳисоб мераванд:

- муқаррароти муаллиф доир ба омӯзиши асосҳои назариявии ҷараёни муҳоҷирати аҳолӣ ва алалхусус муҳоҷирати меҳнатӣ дар давраи муосир имконияти таҳлили муқоисавиро байни кишварҳои интиқолдиҳанда ва қабулкунандаи муҳоҷирон фароҳам меоварад;;
- дар ҳамкорӣ бо бонкҳои ҷумҳуриявӣ аввалин маротиба усулҳо ва тартиби муайян кардани воридот ва содироти маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ бо дарназардошти фарқияти таксимоти маблағҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ таҳқиқ шуданд;
- таҷрибаи байналхалқии кишварҳои муваффақ дар самти муҳоҷирати аҳолӣ ва татбиқи амалии он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шуданд;
- вазъи муосири интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҷалби он дар рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат бо дарназардошти

гузаронидани пурсиши сотсиологӣ дар минтақахои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардиданд;

- ҳолати паҳншавии пандемияи коронавирус дар миқёси ҷаҳон ва таъсири он ба ҷараёни муҳоҷирати байналхалқӣ ва интиқоли пулии муҳоҷирон таҳлил карда баромада шуд;
- масъала оид ба муҳоҷирати меҳнатии берунаи занон ва нақши оилаҳои муҳоҷирон дар раванди рушд ва некӯахволии шаҳрвандон тавассути таҳқиқотҳои гузаронидашуда аз тарафи олимону коршиносони ватанӣ ва хориҷӣ таҳқиқ гардид;
- тавсияҳо оид ба танзими давлатии ҷараёни муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирон ва аъзои оилаи онҳо, инчунин ҷалб ва истифодаи самараноки маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар омода гардиданд.

Саҳми шахсии довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.

Тамоми зинаҳои таҳқиқот бобати расидан ба ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқот аз ҷониби муаллиф гузаронида шудааст, аз ҷумла таҳияи мавзӯъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, максади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он. Муаллиф дар ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили маълумотҳои оморӣ, коркарди самтҳои асосии такмилдихии таҳлил, усулҳои баҳодиҳӣ инчунин вазъи ҳозираи муҳоҷирати аҳолӣ ва нақши он дар рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ сахми худро гузошта, хулоса ва пешниҳодҳои илмиро ба даст оварда, дар асоси онҳо мақолаҳои илмӣ омода ва руйи чоп овардааст.

Натиҷаҳои ҷудогонаи таҳқиқотро метавон мустақиман зимни таҳияи стратегияи соҳаи муҳоҷират ва раванди воридоту содироти маблағҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ қонунгузориҳо дар ин самт мавриди истифода қарор дод. Баъзе аз мукаррароти илмию методии диссертатсияро ҳангоми хондани лексия аз фанҳои “Назарияи иқтисод”,

“Муҳоҷират ва бозори меҳнат”, “Пул қарз ва бонк”, “Таҳлили иқтисодӣ”, “Микроиқтисод” истифода бурдан имконпазир аст.

Усулҳои таҳқиқот. Дар ҷараёни таҳқиқот усулҳои таҳлили системавӣ, оморӣ - иқтисодӣ, моделсозӣ, абстрактии мантиқӣ, таҳлилу синтез, таҳрсозии риёзиву иқтисодӣ, таҳлилию қиёсӣ ва мушоҳидаҳо ва ғайра истифода шудаанд.

Заминаҳои назариявию методологии таҳқиқот. Дар таҳқиқот маълумот аз Паёмҳои Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, асарҳои олимони соҳаи иқтисодӣ, маҷмӯаҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, коркардҳои шахсии худи муаллиф ва дигар манбаъҳои иттилоот истифода бурда шудаанд.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро монографияҳо, ҳисоботи илмӣ ва корҳои дигари муаллифони ватанию хориҷӣ оид ба масъалаҳои таҳқиқот санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи методӣ ва таълимӣ, маводҳо аз конфронсҳои илмӣ ва ҳисоботи созмонҳои байналмилалӣ ташкил медиҳанд.

Навгониҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботҳои шаҳодатномаи КОА-03 назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.11 – Иқтисодиёти нуфус ва демография мутобиқат мекунад.

Интишори натиҷаҳои диссертатсия. Оид ба мавзӯи диссертатсия 9 мақолаҳои илмӣ бо ҳаҷми умумии 5 ҷузъи чопӣ (дар яккамуаллифӣ ва ҳаммуаллифӣ) нашр гардидааст, ки ҳамаи онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшаванда шомилбуда, нашр шудаанд.

Феҳристи корҳои чопшудаи муаллиф доир ба мавзӯи диссертатсия

Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

Мақолаҳо дар маҷҷалаҳои тақризшаванда

[1-М]. Мирзоева М.У. Современный этап развития экономики Республики Таджикистан. / М.У. Мирзоева // Научно –Теоретический Журнал №4151. 2020.С.110-114.

[2-М]. Масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва нақши занон дар ин раванди афзоишёбанда. /М.У. Мирзоева// "Идоракунии давлатӣ" Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 2021.№1(50) С.206 -212.

[3-М]. Мирзоева М.У. Сабабҳои будубоши ғайриқонунии муҳоҷирони меҳнатӣ дар кишвари қабул ва тадбирҳо оид ба пешгирии афзоиши он /Бобоев А.А., Мирзоева М.У.// Маҷаллаи "Иқтисодиёти Тоҷикистон"-и ИИ ва ДАМИТ, №2. 2021. – С. 127-141.

[4-М]. Нақши муҳоҷират дар рушди иқтисодиёт ва татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба таъминот бо шуғли пурмаҳсул/Бобоев А.А., Мирзоева М.У.// маҷаллаи "Иқтисодиёти Тоҷикистон", "-и ИИ ва ДАМИТ №3.2021.-С.180-186.

Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо чоп шудаанд:

[5-М]. Мирзоева М.У. Пандемияи ба амал омада ва тадбирҳо ҷиҳати беҳтар намудани вазъи муҳоҷират, Бозори меҳнат. /Бобоев А.А., Мирзоева М.У.// Бозори меҳнат". Маҷаллаи илмии муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ". Душанбе. Матбааи ООО "Сифат - Офсет". №. 2020. С. 40-48.

[6-М]. Идоракунии зиддибӯҳронӣ: таҳлил, баррасӣ, ва ҷустуҷӯи механизмҳои бартарафсозии он /Бобоев А.А., Мирзоева М.У.// Конфренсияи байналмиллалии илмӣ – амалӣ Академияи идоракунии

давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 25-26 ноябри соли 2021. С.193-200.

[7-**М**]. Вазъи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи пандемияи коронавирус (COVID – 19) /Бобоев А.А., Мирзоева М.У. // Конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ. 11. 12. 2021 ш. Кулоб С.53-57.

[8-**М**]. Мирзоева М.У. Интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва истифодаи самараноки он дар рушди устувори саноаткунонии ҶТ. /М.У. Мирзоева// 22-23 апрели соли 2022 матбааи АИД назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш. Душанбе-2022.С.160-167.

[9-**М**]. Мирзоева М.У. Муҳоҷирати меҳнатии берунаи занон ва нақши оилаҳои муҳоҷирон дар раванди рушд.// Конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ АИД назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 12. 05. 2022. С. 232-243.

Қарори Шурои олимон:

1. Диссертатсияи Мирзоева Меҳрубону Умаровна дар мавзӯи «Муҳоҷирати меҳнатӣ ва нақши маблағҳои интиқолшудаи онҳо дар рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.11 – иқтисодиёти нуфус ва демография пешниҳод гардидааст, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Мирзоева Меҳрубону Умаровна дар мавзӯи «Муҳоҷирати меҳнатӣ ва нақши маблағҳои интиколшудаи онҳо дар рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.11– иқтисодиёти нуфус ва демография барои баррасӣ ва ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 003-и назди ДМТ пешниҳод карда шавад.

3. Назорати қарори мазкур ба зиммаи декани факултет Э.А. Достиев вогузор карда шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи ғайринавбатии Шӯрои олимони факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2022, №10 қабул гардидааст.

Раиси Шӯрои олимони факултети идоракунии давлатии АИД назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон н.и.и., дотсент — Достиев Э.А.

Котиби илмии Шӯрои олимони факултети идоракунии давлатии АИД назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Бобозода А.О.

Муқарризи холис, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва қарзи ДСРТ — Султонов З.С.

Муқарризи холис, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идоракунии молияи давлатӣ АИД назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Субҳонов А.И.

Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи славянии Руссия ва Тоҷикистон — Раҳимов А.А.

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси АИД назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Бобозода О.О.

«26» мая 2022 с.